Act Central Asia
Christian Aid Representative Office
Member of ACT Development Central Asia

Созмони Ҷамъиятии Байналхалқии
«Ҳуқуқ ва беҳбудӣ»

# Экспресс – тахқиқи

# Омузиши сатхи қабули корруписия дар ҷомеъа

**Душанбе - 2010**

Ҳисоботи мазкур дар доираи Лоихаи «Баланд бардоштани сатҳи шуури зиддикорупсионии сокинони деҳот» бо дастгирии АСТ СА дар натиҷаи таҳқиқот оиди сатҳи қабули зухуроти коррупсия дар сатҳи ҷомеаҳо гузаронидашуда, тайёр карда шудааст.

Созмони Ҷамъиятии Байналхалқии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» ба ҳамаи ашхос, аз ҷумла намояндагони ҳокимяти маҳалли, бенефисиарҳо барои имконияти фарохам овардани дастраси ба иттилоот, инчунин ба Ташкилотхои ҷамъиятии «Меҳрангез» (Бохтар) ва «Рухафзо» (Мӯъминобод) барои мусоидат кардан дар дастрасии иттилоот изҳори миннатдори баён мекунад.

Миннатдории зиёди худро ба шахсияти мумайизи миллии ҳисобот – Сурайо Маханова иброз медорем.

***Шарҳи мухтасар***

Ҳисоботи мазкур вазъи корупсияро аз назари ду мавкеъ тахлил менамояд. Аз як тараф – ин сиёсати давлат бо усули қонунгузори, аз тарафи дигар - муносибати одамони қатори ба коррупсия. Муаллифон кушиш кардаанд дунболагири намоянд, ки то кадом дараҷа коррупсия меъёри умумиқабулшудаи рафтори шаҳрвандон мегардад, ва таносуби байни сиёсати сатҳи маркази ва фаҳмишу қабули ин сиёсатро дар сатҳи маҳалли нишон медиҳанд. Омузиши афкори ҷамъияти ҳеч гоҳ вазъи ҳақиқии сатҳи коррупсияро нишон намедиҳад, вале барои дарки ва муайян кардани мушкилоти аҳолӣ, сатҳи бовари ба ҳокимят, инчунин дар пешниҳоди ғояҳо барои ҳалли мушкилот мусоидат менамояд.

Натиҷаҳои пурсиши иҷтимоии таҳқиқот, ки дар ҳисоботи мазкур оварда шудаанд, асосан афкор ва муносибати аҳолиро ба мушкилоти коррупсия инъикос менамояд ва дар ягон маврид далелҳои вокеъиро нишон намедихад. Дар боби мазкур мо нишон медиҳем, ки андешаи мазкур ба чи асос меёбад, муносибати аҳоли ба иттилооти барояшон дастрас чи гуна мебошад, ин иттилоот ба сатҳи боварии аҳоли ба мақомоти ҳокимият чи тавр таъсир мерасонад.

Ҳисоботи мазкур барои ташкилотҳои давлатӣ, ташкилотхои чамъиятӣ, институтҳои байналхалқӣ, ки ба масъалаҳои баланд бардоштани фаъолнокии аҳоли дар мубориза бар зидди коррупсия машғул мебошанд, нигаронида шудааст.

Ҳисоботи мазкур бо навовари ва тавсияҳо барои ҳамаи шахсони манфиатдор дастрас мебошад ва андеша,тавсияҳо, мулоҳизаҳои онхоро пайгири менамояд. Ҳангоми истифода намудани матни таҳқиқоти мазкур ишора намудан ба ташкилот хатми мебошад.

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА……………………………………………………………………………5**

**Методология (Усули омузиш)………………………….……………………..6**

**I. ШАРҲИ КОНУГУЗОРИ………………………………………………………..8**

- **Хронологияи конугузори и зиди коррупсиони …………..…………….8**
- **Ҷой ва нақши ташкилотҳои ҷомеаи граждани дар сиёсати мубориза бар зидди коррупсия ……………………………….12**

**II. Таҳлили вазъият (андешаи пурсидашудагон)……..-............................. 15**

- **Фаҳмиши коррупсия…………………………………………..……..……17**
- **Сарчашмаи ба миён омадани афкори ҷамъиятӣ оид ба коррупсия .........................................................................24**
- **Паҳншавии коррупсия………………………………………………….……28**
- **Заминаҳо барои барномаҳои зиддикорупсиони…………..……………30**

**III. Хулоса ва тавсияҳо……………………………………….………………..34**

## НОМГУЙИ МУХТАСАРОТИ ИСТИФОДАШУДА

| | |
|---|---|
| ТҶГ | Ташкилотҳои ҷомеаи граждани |
| ВАО | Воситаҳои ахбори омма |
| UNCAC | Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид бар зидди коррупсия |
| ҲваБ | Ташкилоти ҷамъиятии байналхалкии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» |
| ТҶ | Ташкилоти ҷамъияти |
| МХҶ | Мақоми худфаъоли чамъияти |
| БРМИ СММ | Барномаи инкишофи СММ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МТС | Маркази тахкикоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СММ | Созмони Миллали Муттаҳид. |
| ҶТ | Ҷумҳурии Тоҷикистон |

## Муқаддима

Фаъолияти ҳаммаруза қатеъона тақозо менамояд, ки усулу роҳҳои нави ба танзимдарории мубориза бар зидди корупсия ҷустуҷӯй карда шавад.

Дар натиҷаи равандҳои демократикунони ва бахамназдикшавии иқтисоди бозори, коррупсия ба мавзӯи асоси ва муҳими воқеъияти имрузаи ҷомеаи мо мубаддал гаштааст. Тоҷикистон чун кишвари дорандаи иқтисоди гузариш дар шароити босуръати инкишофи ҷаҳони ва рақобати баланди ҷаҳони институтҳои заминавиро ташкил карда истодааст ва ҳукумат ба самти стандартҳои муайян аз рузҳои аввал кушиш намуда истодааст. Коррупсия ҳамчун зухуроти иҷтимои барои тамоми кишварҳои сайёра падидаи номатлуб мебошад ва хатто давлатҳои дорои иқтисодиёти пурқувват ва дорандаи сохтори мустаҳками демократии гирифтори чунин падидаи номатлуб мебошанд. Коррупсия мушкилоти ҷиддии ҳамагуна ҷомеъа мебошад. Андеша дар бораи он, ки «коррупсия қисми маданияти кишвархои ру ба инкишоф мебошад» саволи мантикиеро ба миён меоварад: «Коррупсия қисми маданияти кишварҳои инкишофёфта мебошад ё не?» Назар афкандан ба мушкилоти коррупсия ба якчанд омилҳо, аз ҷумла аз мамлакат, маданияти он ва дар кадом марҳила қарор доштани он вобастагӣ дорад.

Тахқиқоти охирони дар ҷумхури гузаронидашуда нишон медиҳад, ки коррупсия ба инкишофи иқтисодиёти мамлакат зарар мерасонад, институтҳои давлатиро суст мегардонад, хисоботдиҳиро коста мегардонад, барои аз ҳисоби камбизоатон бой гардидани мансабдорон мусоидат менамояд.[1]

Нишондодҳои байналхалқии коррупсияро дар Тоҷикистон ба назари эътибор гирифта,[2] хулоса кардан мумкин аст, ки ин падидаи номатлуб барои инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат халал мерасонад, вазъи сармоявии кишварро бад мегардонад, боварии шаҳрвандон ва соҳибкорон ва муассисаҳои давлати коста мегардонад, садди роҳи инкишофи мӯътадили тамадуни ҷомеъа мегардад.

Хуб, коррупсия чист? Мафхуми ягона ва умумиэътирофшудаи коррупсия вуҷуд надорад. Бисёр таърифҳои мафҳумҳои « коррупсия» таҷрибаи давлатҳои Ғарбро инъикос менамоянд ва на ҳамеша барои татбиқи дигар кишварҳои ҷахон, махсусан барои кишварҳои Шарк мувофикат мекунанд. Қисме чунин андеша доранд, ки ***коррупсияро аз рӯи қимматҳои фарҳангӣ ва афкори ҷамъиятӣ*** муайян кардан мумкин аст, дигарон коррупсияро хамчун воситаи бойшавии шахсони мансабдор аз ҳисоби манфиатаҳои ҷамъияти арзёби мекунанд.

Албатта, аз як тараф - ин истифода намудани мансаб барои ба даст овардани бартариҳои ғайриқонуни, аз тарафи дигар – ин ба мансабдор додани чунин бартариҳо мебошад.

Акнун мафҳуми «суистифода аз вазъи ҷамъияти ва захираҳоро бо мақсади ба даст овардани манфиати шахси» дида мебоароем. Мафхуми мазкур доираи

---

[1] Ҳисоботи БРМИ СММ «Коррупция дар Тоҷикистон. Афкори аҳли ҷомеа. 2006 сол»

[2] Corruption Perceptions Index 2009. Тоҷикистон соли 2009 ҷойи 158 –ум ро ишгол кард.

муайянро муқарар намекунад, вале паҳлуҳои  сиёси, ахлокӣ ва маънавии ин мафҳумро кайд менамояд, ки мундариҷаи он таҷрибаро инъикос менамояд.

***Иқтибос аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли 2005 сол  таҳтӣ № 100***

***Коррупсия*** – ин кирдори (ҳаракат ё беҳаракатии) шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё ба онҳо баробар кардашудае мебошад, ки мақоми худ ё имкониятҳои онро бо мақсади ба манфиати худ ё шахсони дигар ба даст овардани неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, бартарият ва имтиёзҳои дигари бо қонунҳо пешбининашуда, инчунин ба ин шахсон ваъда додан, таклиф ё пешкаш намудани ин гуна неъмату бартариятҳо бо мақсади моилкунӣ ва (ё) қадркунии онҳо барои иҷрои ин ё он кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ) ба манфиати шахсони воқеию ҳуқуқӣ истифода мебаранд.

Чи тавре, ки натиҷаҳои тахқиқоти зиёди иҷтимоию иқтисоди нишон медиханд, коррупсия ба воқеъияти иҷтимоии ҷамъияти  мубаддал гаштааст, Коррупсия ба ҷузъи маданият, ки инсоният бо кирдорҳои худ дар фаъолияташ ба вучуд овардааст, мубаддал гаштааст.  Ҳангоми  аз тарафи хизматчии давлатӣ гирифтори тамаъҷуйи гардидан, шахс интихоб менамояд, ки  пора диҳад (дар ин ҳолат тавакали ошкоршавии кирдор  зиёд аст)  ва ё нисбати амалҳои хизматчии давлатӣ ба мақомоти назоратии болои шикоят кунад. Дар чунин маврид,  қабули қарор аз якчанд омилҳо вобастагӣ дорад: якум, то  кадом дараҷа қарори шикояткуни хароҷотнок мебошад, шаҳрванд то  кадом дараҷа дар бораи ҳуқуқу ӯҳдадорияш хамчун хизматчии давлати маълумот дорад, ва то  кадом дараҷа шаҳрванд омода аст, ки бо тахазуроти коррупсия тахаммул кунад.

Фикру ақида ва муносибати пурсидашудагон, ки дар таҳқиқоти мазкур оварда шудаанд, вазъи вокеъии имрузаи коррупсияро ба пуррагӣ инъикос намекунад. Дар баробари ин чунин таҳқиқотхо фоидаовар низ  мебошанд, зеро, ки мавқеъ ва нигох ба мушкилоти коррупсия дар ҷомеъаро ба миён меоваранд.  Чунин иттилоот хангоми таҳияи  самтҳои мухими сиёсати маркази ва  ё сиёсати маҳалли ва коркарди ҳалли самараноки мушкилотҳо нихоят муҳим мебошад.

**Методология  (Усули омузиш)**

Таҳқиқоти мазкур дар асоси Лоихаи «Баланд бардоштани  сатхи шуури зиддикоррупсионии сокинони дехот»  асос ёфтааст ва яке аз вазифаҳои муҳими он низ ба ҳисоб меравад. Таҳқиқ бо усули маҷмӯъи гузаронида шуда, усулҳои сифати ва усулҳои шуморавии  таҳқиқоти социологӣ низ истифода шудаанд.  Таҳқиқ аз амалҳои зерин иборат мебошад:

a) интихоби минтақа ва муайян кардани гуруҳи мақсаднок;
b) тартиб додани интихоб; ташкилдиҳии иқтибос;
a) тартиб додани  саволнома;
b) дастурдиҳии шахсони гузаронандаи пурсиш;
c) кор дар майдон;
d) дохил ва коркарди  маълумотҳо, таҳлили маълумотҳо;

e) тайёр кардани ҳисобот.

<u>Мақсади асосии таҳқиқ:</u> Омузиши сатҳи қабули коррупсия дар ахли маҳалҳо: ноҳияҳои Бохтар ва Мӯъминободи вилояти Хатлон ва ноҳияи Рӯдакии Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ. Мақсади мазкурро амали намуда, гуруҳи таҳқиқот мақсади муқаррар намудани ин масъалаҳоро доштанд.

- хусусиятҳои хоси коррупсия дар сатҳи обшинаҳо;
- сабаби ба миён омадан ва усулхои мубориза (нигоҳи пурсидашудагон)

*Дар натиҷаи таҳқиқ интизори меравад, ки:*

- тавсияҳо барои ворид намудан дар сиёсати зиддикоррупсиони кор карда баромада мешаванд;
- барномаи таълимии зиддикоррупсиони кор карда баромада шуда, ба гуруҳи максаднок пешниҳод карда мешавад.

**Усулҳои истифодашаванда:**

- таҳлили ҳуҷҷатҳои заминави ва маълумотҳои дуюмдараҷа;
- шарҳи базаи меъёрию хукукии амалкунанда.;
- шарҳи таҳқиқоти гузаронидашуда дар бораи коррупсия;
- фахмиши коррупсия ва зарурияти мубориза бар зидди он (фикри пурсидашудагон.

**Сарчашмаҳои иттилоот:**

- Конвенсияи СММ - UNCAC;
- Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мубориза бар зидди коррупсия барои солҳои 2008-2012 ;
- Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»;
- Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди ҷиноят дар соҳаи иктисодиёт ва коррупсия»;
- Низомномаи мақомоти давлатӣ, ки бо коррупсия мубориза мебаранд;
- Иттилоот аз дигар Ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки дорои меъёрҳои мубориза бар зиди коррупсия мебошанд;
- Ҳисоботи БРМИ СММ «Коррупсия дар Тоҷикистон. Афкор аҳли ҷомеъа 2006 сол »
- Ҳисоботи Ташкилоти ҷамъиятии байналхалкии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» «Ҳавасмандгардонии инкишофи самараноки ҷомеъаи граждани барои дасттгирии табакаҳои камбизоати ахолӣ ва таъмини хисоботи чомеъаҳо, ҳокимяти маҳалли ва ҳокимят дар сатҳи милли»
- Дастури «Коррупсия чист ва чӣ тавр бо он мубориза бояд бурд?» БРМИ СММ ва Прокуратураи генерали;

**Субъектҳои таҳқиқ**

- Кормандони мақомоти худидора (чамоатхо);
- Мақомоти худфаъолиятири чамъиятӣ, Раисони маҳаллаҳо ва Ташкилотҳои ҷамъиятии маҳалли;
- Шаҳрвандони катори (вобаста ба табака):
  - Фермерҳо;
  - Бекорон;
  - Муҳоҷирони меҳнатӣ;
  - Хонашинҳо;

  - Нафакахурон;
  - Кӯдакони ятим;
  - Маъюбон;
- Соҳибкорони хурд ва миёна.

**Ҳудуди ҷуғрофи:**
Баҳодиҳи вобаста ба микёси ҷуғрофи се ноҳияро дарбар мегирад:
- Бохтар (ҷамоатҳои Ориён ва Заргар)
- Мӯъминобод (ҷамоати Шаҳрак, Боғгаи)
- Рӯъдакӣ (ҷамоатҳои Сомониён, Зайнабобод)

Дар маҷмӯъ 300 нафар ашхос дар таносуб бо шумораи аҳоли пурсида шуданд. Хангоми гузаронидани пурсиши шахрвандон, махфияти пурсиш кафолат дода шудааст. Аммо, новобаста аз ин, ҳолатҳое низ буданд, ки респондентҳо (пурсидашудагон) хоҳиши иштирок накардан дар пурсиш ва таҳқиқро намуданд. Сабаби рад кардани иштирок дар таҳқиқро пурсидашудагон бо набудани вақт, нокифоягии дониш, нобовари ва хоҳиши канораҷӯйи кардан аз «мушкилоти зиёдатӣ» арзёби карданд.

## I. ШАРҲИ ҚОНУНГУЗОРӢ

Шарҳи мазкури базаи меъёрию ҳуқуқи оид ба мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарароти умумии санадҳои меъёрию ҳуқуқиро дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия ва нақши ҷомеъаи граждании кишварро дар ин соха инъикос менамоянд. Дар боби мазкур ҳуқуқэҷодкунии қонунгузори дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия ва стандартҳои байналхалқии мубориза бар зидди коррупсия инъикос ёфтаанд.

### а) Хронологияи инкишофи қонунгузории зиддикоррупсиони

Тоҷикистон сиёсати мунтазами давра ба давраи бунёди қонугузори ва базаи ҳуқуқиро дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсия, таъмини сиёсати дарҳои кушода ва шафофият дар ҷамъият, дастрасии иттилоот ва мустаҳкам кардани ҳамкории байналхалқи дар соҳаи мубориза бар зидди коррупсияро нишон медихад. Таъсиси базаи меъёри ва институтсионалии мубориза бар зидди коррупсия кадом марҳилаҳоро дарбар мегирад? Мубориза бар зидди коррупсия бо Фармони Президенти ҶТ «Дар бораи чораҳои иловагии пурзур намудани мубориза бар зидди чиноят дар сохаи иктисодиёт ва коррупсия» таҳти № 1262 аз 21 июли соли 1999 огоз ёфт. Фармони мазкур ба макомоти иҷроияи ҳокимяти давлатӣ ва ба макомоти ҳифзи ҳуқуқ тавсия медиҳад, ки асоси базаи ҳуқуқию институтсионалии мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисоди, ки бар зидди бехатарии мамлакат равона гардидаанд, ташкил карда шавад. Пас аз кабули Фармони номбурда, дар таърихи 11.12.1999 сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» таҳти № 875 кабул гардида, Кодекси ҷиноятии Ҷумхурии Точикистон аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал карор гирифт, (Боби «Ҷиноятҳо ба муқобили манфиати хизмати давлатӣ», «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият»).

Моҳи декабри соли 2002 дар мамлакат Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи назорати давлатии молияви дар Ҷумҳурии Точикистон» кабул гардид. Қонуни

мазкур принсипхои умумb, асосхои хугуги ва игтисодии ташкил ва амалb намудани назорати давлатии молиявиро дар Ҷумхурии Тохикистон муайян менамояд. Он барои таъмини ташкили санхишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблаuхои бухети давлатb, фондхои давлатb, гарзхое, ки аз тарафи {укумати Хумхурии Тохикистон ва тахти кафолати он халб карда мешаванд, грантхо, кумаки башардустона ва амволи давлатb дар шароити инкишофи муносибатхои бозорb ва ташаккули бахши хусусb нигаронида шудааст.

Тоҷикистон дар байни кишварҳои Осиёи Маркази аввалин шуда, мохи сентябри соли 2003 Барномаи Стамбулии амалии мубориза бар зидди коррупсия барои мамлакатҳои дорои иқтисоди гузаришро, ба тасвиб расонида, ба аъзогии Идораи хатти зиддикорупсиони дохил шуд, ки ин ҳолат шаходати иродаи сиёсии мамлакат ва пайгирии он аз стандартҳои байналхалқи мебошад.[3]

Қадами муҳим дар роҳи инкишофи қонунгузории зиддикоррупсиони ин аз тарафи Парламенти Тоҷикистон дар таърихи 25 июли соли 2005 дар таҳияи нав қабул гардидани Қонун «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» мебошад. Конуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд.

Мохи июли соли 2005 Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумхурии Тоҷикистон Қарор «Дар бораи вазифаҳои аввалиндариҷаи Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро оиди татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»» таҳти № 95 қабул намуд. Дар асоси хамин қарор, ба Комитети Маҷлиси Миллии Мачлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба таъмини асосҳои конститутсиони ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини қонуният супориш дода шуд, ки дар якчоягӣ бо Суди Олӣ, Прокуратураи генерали чорабиниҳоро оид ба таъмини дар ҳаёт татбиқ намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»- ро андешанд. Бо мақсади мувофикат гардонидани конунгузории милли ба стандартҳои байналхалқи дар қарори мазкур гузаронидани чунин чорабиниҳо пешбини шудааст:

-таҳияи лоиҳаи Қонун дар бораи ворид намудани тағироту иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмури, Кодекси меҳнат, Кодекси граждани, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ», Қонун «Дар бораи назорати давлатии молияви», инчунин таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби декларатсиякунонии даромад ва вазъи молумулкии шахсоне, ки дар вазифаҳои давлати кор мекунанд»;

- ташкили гуруҳи кори аз намояндагони Маҷлиси Миллии Маҷлиси Олӣ, Суди Олӣ, Прокуратураи генерали ва дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба гузаронидани ташхиси зидддикоррупсионии санадҳои меъёрию ҳуқуқи, муайян намудан ва бартараф кардани норасогиҳо дар қонунгузори, ки барои содир намудани амалҳои коррупсиони мусоидат мекунанд;

---

[3] www. anticorruptiormet .org. Сети мубориза бар зидди коррупсияи кишварњои дорои иќтисоди гузариш.

- таҳияи пешниҳодҳо оид ба Барномаи Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди мубориза бар зидди коррупсия барои солхои 2006-2010;

- таҳияи чорабиниҳо оиди иҷроиши минбаъдаи Тавсияҳои ОЭСР аз 21 январи 2004 сол;

- таҳияи Феҳрасти ҷиноятҳои характери коррупсиони дошта ва Дастурамал оиди тартиби ба бақайдгирии омории онхо ;

- нашр намудани тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия»;

- андешидани чораҳои амалии мубориза бар зидди коррупсия, ошкор намудан ва пешгири намудани амалҳои характери коррупсиони дошта дар мақомоти ҳокимяти давлатӣ, макомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар соҳаи маориф ва тандурусти;

- гузаронидани санҷишҳо оиди вазъи маҳдуд кардани кор кардани хешутабори наздик дар ташкилотхои давлатӣ;

- андешидани чораҳо оиди мутобиқсозии фаъолият, мукамалгардонии ҳамоҳангсози, хамкори дар соҳаи додугирифти иттилоот ва воситаҳои техники дар байни макомоти хифзи ҳуқуқ, ки бо коррупсия ва ҷинояткори мубориза мебаранд,

- ташкили омузиши касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оиди масъалаи мубориза бар зидди коррупсия;

*- пурзур намудани корҳои фаҳмондадиҳии ҳуқуқ оиди масъалаи мубориза бар зиди коррупсия, ташкили вохури ва маҷлисҳои аъзоёни Маҷлиси Милли бо кормандони масъули ҳокимяти маҳалли;*

- гузаронидани конференсияҳои милли, минтақавӣ, байналхалқӣ, семинарҳо ва вохуриҳо оид ба масъалаи мубориза бар зидди коррупсия;

Дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 июни соли 2004 таҳти № 1340 Кодекси одоби хизматчии давлатӣ тасдик гардид, ки он барои таъмини интизоми нек дар соҳаи хизмати давлатӣ нигаронида шудааст.

То соли 2000- ум хадамоти махсуси мубориза бар зидди коррупсия ин Раёсати мубориза бар зидди коррупсияи ва Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои иқтисодии Вазорати корҳои дохили ба ҳисоб мерафтанд, ки онхо минбаъд барҳам дода шуданд.

Мувофики тавсияҳои Сети зиддикорупсионии ОЭСР дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни 2004 сол таҳти № 1340 дар сохтори Прокуратураи генерали Раёсати мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуд, ки дар муддати кутоҳтарин самаранокии фаъолияти худро нишон дод

Бо максади пурзур намудани чораҳои назорати молияви аз болои даромади хизматчиёни давлатӣ, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01 августи сол 2005 таҳти 289 шакли Декларатсия оиди даромад ва вазъи молумулкии хизматчиёни давлатӣ тасдик карда шуд.

Бо карори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 7.09.2006 сол таҳти № 414 бо мақсади таъмини омори ва иттилоотии рафти иҷроиш ва амали гардидани Қонуни Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», Дастурамали бақайдгирии омории ҷиноятҳои характери коррупсиони дошта ва номгуйи чунин ҷиноятҳо тасдик карда шуд.

Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон 24 декабри сол 2004 бо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вохури баргузор намуданд, ки пурра ба масъалаи вазъи мубориза бо коррупсия дар ҷумҳури бахшида шуда буд. Дар натиҷаи ин вохури, мувофики Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 январи сол 2005 таҳти № 1430 Барномаи чорабиниҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои пурзур намудани мубориза бар зидди коррупсия дар ҷумҳури нигаронида шудаанд, тасдиқ карда шуд.

Бо назардошти шикоятҳои барзиёди шахрвандон оиди холатҳои зиёди тамаъҷуйи аз тарафи кормандони Бозрасии давлатии автомобили, дар асоси Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи январи соли 2005 кормандони Бозрасии давлатии автомобилиии Вазорати корҳои дохили 50% ихтисор карда шуданд.

Бо мақсади баланд бардоштани шаффофият дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, содда гардонидани дастраси ба иттилоот, бо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 марти соли 2005 таҳти № ап-1677 ба тамоми вазорату идораҳо супориш дода шуд, ки дар хар семоҳа бо иштироки воситаҳои ахбори омма нишастҳои матбуоти баргузор намоянд.

Бо мақсади ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аз дахолати ғайриқонуни ба фаъолияти онҳо, таъмини риояи муқарароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, пешгирии ҳуқуқвайронкуни дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидори, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидори дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳти № 194 аз 28 июли соли 2006 қабул гардид.

***25 сентябри соли 2006 Ҷумҳурии Тоҷикистон Конвенсияи Созмони Миллали Муттахид дар бораи мубориза бар зидди коррупсияро имзо кард.***

Дар Ҷумхурии Тоҷикистон Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ» дар таърихи 31 декабри соли 2008 қабул гардид. Боби алоҳидаи кодекси мазкур ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурии бо коррупсия алокаманди дошта ва санксия барои чунин ҳуқуқвайронкуниҳо бахшида шудааст.

Бо мақсади таъмини беғарази, адолат, шаффофият ва ҳисоботдиҳии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» таҳти № 233 аз 5 марти соли 2007 қабул гардид. Қонун асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатиро муайяе менамояд.

Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 таҳти № 143 Агенти оид ба назорати давлатии молияви ва мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуд, ки вазифаҳои асосии он пешгири ва мубориза бар зидди ҳуқувайронкуниҳои коррупсиони, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳои характери коррупсиони дошта, инчунин гузаронидани назорати давлатии молияви мебошад. Дар айни замон базаи ҳуқуқии фаъолияти ин мақомот таҳия ва мустаҳкам шуда истодааст. Бо ин ислоҳот ба марҳилаи нави мубориза бар зидди коррупсия дар Тоҷикистон замина гузошта шуд.

Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 қисми ҷудонашавандаи Барномаи давлатии мубориза бар зидди коррупсия барои солҳои 2008-2015 мебошад. Ин хуҷати барномавии зиддикорупсиони сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин самт, ғояҳо ва сарчашмаҳои асосии мубориза бо коррупсияро муайян мекунад.

Чораҳои таҳияшудаи маҷмуъии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисоди дар доираи Стратегия, барои пешгири, муайян кардан ва муқаррар намудани коррупсия, ташкили мубориза бо он дар сатҳи баланд нигаронида шудаанд. Дар ин маврид дикати махсус ба қабули чораҳои превентиви равона карда мешавад, ки он ба баланд бардоштани фаъолнокии аҳоли дар мубориза бар зидди коррупсия , ташкили фазои нотоқатии умум ба коррупсия, ва бартараф кардани сабаб ва шароитҳое, ки боиси содир гардидани коррупсия гардидаанд, равона шудааст.

## b) Ҷой ва нақши ҷомеъаи граждани дар сиёсати мубориза бо коррупсия

Давлат воситаи муайяни ташкили ҷамъият мебошад. Давлат аз муҳити ҷамъиятии атроф ҷудо вучуд дошта наметавонад. Бинобар ин, аз фаъолнокии инсонҳои озод ва пурмасъул, мароми зиндагии онҳо, сатҳи маданияти граждани, ҳуқуқӣ ва сиёсии онҳо, сатҳи маълумотноки ва масъулияти шаҳрвандии онхо, бунёди давлати ҳуқуқбунёд ва озод, ки дар он коррупсия ҳадди ниҳоят аққалиро ташкил медиҳад, вобастагӣ дорад.

**Ҷомеъаи граждани** - ин чунин чамъияте мебошад, ки муносибати худро бо давлат дар асоси ҳамкори ба рох мемонад, ки он сатҳи муайяни инкишофи иҷтимоию иқтисоди, маданияти ҳуқуқӣ ва сиёсиро тақозо менамояд.

Манфиатҳо ва талаботҳо ба воситаи институтҳои ҷомеъаи граждани, ба монанди оила, калисо, низоми маориф, ташкилотҳои илми, касби ва гайраҳо, иттиҳодия ва созмонҳо ифода меёбанд. Ҷомеъаи граждани инчунин маҷмуъи муносибатҳои байни аъзоёни ҷамъият мебошад, ки таҳти назорати бевоситаи давлат карор надорад.

Ҷомеъаи граждани ва давлати ҳуқуқбунёд мантиқан хамдигарро пешбини менамоянд, мавҷудияти яке бе дигаре бемаъни мебошад. Ин ҳарду қисмҳои ба ҳамдигар пайванд ва ҷудонашаванда буда, низоми монанд ва ҷудонашаванда мебошанд. Робитаи миёни онхо қатъиян муқарар шудаанд, чунки давлат – ин шакли ташкили ҷамъият мебошад ва бо ҳамин асос онхо ҷудонашаванда мебошанд.

Бе истодагари кардан ва дифоъ намудан аз ҳуқуқу озодиҳои инсон, махсусан, ҳуқуқ ба зиндагии арзанда, ҳуқуқи эҳтироми шахсият, ҳуқуқ ба озоди ва дахлнопазирии шахси, ба камол расидани шахсияти озод ва бунёдкор ғайримкон мебошад. Бе истодагари кардан ва дифоъ намудан аз ҳуқуқу озодиҳои иктисоди, махсусан ҳуқуқ ба моликияти хусуси, ҳуқуқ ба озодии фаъолияти соҳибкори, ҳуқуқ ба баробарии рақобат, ташкили тиҷорати хурд ва миёна, бунёди иқтисоди самаранок, синфи миёна-асоси ҷомеъаи граждани ғайримкон мебошад. Бе истодагари кардан ва дифоъ кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон оиди иштирок намудан дар корҳои идоракунии давлат бевосита ва ба воситаи намояндагон, ҳуқуқ ба дастрасии иттилоот, назорати ҷамъиятиро аз болои фаъолияти хокимят, ки давлатро водор менамояд, ки қонунҳоро иҷро намуда, ба фоидаи умум кор барад, ба рох мондан ғайримкон аст.

Барои муайян кардани он, ки давлат то кадом дараҷа ҷой ва нақши ҷомеъаи гражданиро дар роҳи мубориза бо коррупсия ба эътибор мегирад, дар ҳуҷатҳои

стратегии мамалакат, дар доираи таҳқиқоти мазкур шарҳи мухтасраи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт гузаронида шуд.

*a) Конвенсияи Созмони Миллали Муттахид оиди бар зидди коррупсия аз 03.10.2003 сол.*

Конвенсияи Созмони Милали Муттахид оиди бар зидди коррупсия сарчашмаи асосии таҳия ва инкишофи қонунгузории дохилидавлатии зиддикоррупсиони Тоҷикистон буда, ғояҳои асосиро барои таъмини шаффофият ва ҳисоботдиҳи, хисоботдихии оммави эълон менамояд, сиёсати зиддикоррупсиониро муайян менамояд, иштироки аҳли ҷомеаи давлатҳои иштирокчиро дар мубориза бо коррупсия эълон мекунад.

Конвенсия пешбини менамояд, ки пешгири ва решакан намудани корупсия - ин ӯҳдадории хамаи давлатҳо буда, барои таъмини самараноки кушишҳо дар ин самт давлатҳо бояд, ки бо ҳамдигар ҳамкори намоянд ва дар ин самт бо ҷомеъаи граждани, ташкилотҳои ғайридавлати ва ташкилотҳое, ки дар заминаи обшина амал мекунанд, ҳамкори намоянд.

Давлати иштирокчии конвенсия ӯҳдадор мешавад, ки барои мусоидати фаъоли ҷомеъаи граждани, ташкилотҳои ғайридавлати ва ташкилотҳое, ки дар заминаи обшина амал мекунанд, дар пешгирии коррупсия ва мубориза бо он, барои фаҳмиши дурусти коррупсия дар ҷомеа, сабаб ва хатари коррупсия дар ҷомеъа, таҳдидҳои ба амал меовардаи коррупсия чораҳо андешанд.

*b) Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 .*

Яке аз вазифаҳои Стратегия ин ҳамкори бо сохторҳои ҷомеаи граждани, ки ба баланд гардидани боварии чомеъаи граждани ба хокимяти давлати оварда мерасонад, инкишоф ва мустахкам кардани гуфтушунид дар байни ҷамъият ва ҳокимят, тиҷорат ва ҳокимят, баланд бардоштани фаъолнокии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, хизбхои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар амалигардонии сиёсати зиддикоррупсиони мебошад. Дастгирии чамъиятӣ - яке аз элементҳои муҳими мубориза бо коррупсия мебошад, аз ин ру Стратегия гузаронидани чорабиниҳоро оиди ҷалби аҳли ҷомеъа дар мубориза бо коррупсия пешбини менамояд, қисми чорабиниҳои муҳими зиддикоррупсиони мебошад. Барои амали гардонидани Стратегия ҷалб намудани воситаҳои пулии ташкилотҳои байналхалқи ва ба роҳ мондани лоиҳаҳо дар соҳаи инкишофи институтҳои ҷомеаи граждани, мубориза бо коррупсия ичозат дода шудааст. Диқати мухим ба баланд бардоштани фаъолнокии аҳоли дар самти мубориза бо коррупсия ва бунёди фазои умумии зиддикоррупсиони дода мешавад.

Дар ҳуҷати мазкур муҳимияти аз тарафи давлат ба эътибор гирифтани таҳқиқот дар соҳаи идоракунии давлатӣ, макомоти ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони тиҷорат ва ҷомеъаи граждани ҳамчун шарти муҳими таҳияи пешниҳодҳои асоснок, ки ба мукамал гардонидани қонунгузори ва корҳои амали дар самти мубориза бо коррупсия нигаронида шудаанд, кайд карда шудааст.

Ба масъалаҳои иштироки ҷомеаи граждани ва таъмини шаффофият дар мубориза бар зидди коррупсия боби алоҳида чудо карда шудааст, ки дар он мухим будани иштироки васеъи аҳоли, ташкилотҳои ҷамъияти, воситаҳои ахбори омма дар мубориза бар зидди коррупсия махсус кайд карда шудааст ва воситаҳои таъмини шафофият ва пурсамари мубориза бо коррупсия номбар карда шудаанд:

- пурзур кардани шафофияти фаъолияти макомоти давлатӣ ва иштироки аҳоли дар рафти қабули қарор аз тарафи ин макомот;
- таъмини васеъи дастрасии аҳоли ба иттилоот;
- гузаронидани чорабиниҳое, ки ба бунёди фазои нотоқатии умум ба коррупсия, баланд бардоштани фаъолнокии аҳоли дар мубориза бар зидди коррупсия, пуркувват кардани ҳимояи ашхосе, ки дар мубориза бар зидди коррупсия мусоидат мекунанд;
- ба амал баровардани барномаҳои маърифатӣ, фахмонида додани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳоли.

Дар баробари ин, Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия заминаи суст ва фаъол набудани ҷомеаи граждани ва воситаҳои ахбори оммаро дар мубориза бо коррупсияро кайд намуда, якчанд тавсияҳоро оиди тағир додани вазъият пешниход мекунад, ки аз инхо иборат мебошанд:

- фаъолона ҷалб намудани институтҳои ҷомеаи граждани ва воситаҳои ахбори омма дар фаъолият оиди мубориза бар зидди коррупсия, таъмини шаффофият, кушод ва бовиҷдони дар тамоми сохторҳои ҳокимят;
- таъсиси комиссияҳои ҷамъияти оид ба пешгирии коррупсия дар назди макомоти намояндагӣ ва иҷроияи ҳокимяти маҳали ва ба ҳайати онхо ҷалб намудани иштироки намояндагони зиёиён, аҳли дин, ветеранҳои ҷанг ва мехнат, соҳибкорон ва дигар намояндагони ҷомеаи граждани;
- ҷалб намудани сохибкорон оиди иштирок намудан дар барномаҳои зиддикоррупсиони;
- гузаронидани чорабиниҳо оид ба баланд бардоштани маълумотнокии аҳолии, омузиши аҳолии ва намояндагони сектори давлатӣ ва хусусӣ оиди сабабҳо ва окибатҳои коррупсия, дар бораи воситаҳои пешгирии корупсия, дар бораи мубориза бо коррупсия, дар бораи ҳуқуқҳои шахрвандон ҳангоми робита бо мақомоти давлатӣ;
- нашри адабиётҳо, дастурҳои таълими, таҳияи спектаклҳо, филмҳо, ва барномаҳои телевизиони дар мавзуи коррупсия;
- барои ашхосе, ки бахри ёфтан ва муқаррар намудани фактҳои махсусан муҳими коррупсия мусоидат менамоянд, пешбини намудани чораҳои мукофотони ва ҳавасмандкунии модди;.
- 

*c) Стратегияи миллии инкишофи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2015*

Мақсади ҳуҷати мазкур ин мустаҳкам кардани вазъи мӯътадили иҷтимоию сиёсӣ, беҳбуд гардонидани вазъи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, ба даст овардани пешравии иқтисоди дар шароити воломақомии ғояҳои иқтисоди бозаргони, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва имкониятҳои баробар барои амали шудани имконияти ҳар як шаҳрванд мебошад.

Ислоҳоти идоракунии давлатӣ, ки ба таъсиси низоми инкишофи милли дар мамлакат равона шудааст ва хусусияти он аз шаффофият, зерҳисоботи дар мубориза бар зидди коррупсия иборат мебошад, ба яке аз бартариятҳои асоси дар роҳи расидан ба мақсадҳои дар доираи Барномаи миллии инкишоф пешбини гардида, мубаддал гардидааст.

*d) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз соли 2005.*

Қонуни мазкур яке аз ҳуҷатҳои асосии мубориза бар зидди коррупсия ба ҳисоб меравад. Накши ҷомеаи граждани дар моддаи 5 муайян карда шудааст: «Мубориза бар зидди коррупсия бо иштироки васеъи аҳоли, ташкилотҳои ҷамъияти ва воситаҳои ахбори омма ба амал баровarda мешавад». Ин ягона муқаррарот дар бораи ҷомеаи граждани дар қонуни мазкур мебошад, бар истиснои моддаи 6 , ки дар он кафолати махрамият ва бехатарии ашхосе, ки дар мубориза бар зидди коррупсия мусоидат кардаанд, пешбини шудааст.

*е) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молияви ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз соли 2008.*

Қонуни мазкур низом, сохтор, ташкили фаъолият, салоҳияти *Агентии назорати давлатии молияви ва мубориза бар зидди коррупсия, тартиби истифодаи қувваи ҷисмони, воситаҳои махсус, яроқ аз тарафи кормандони Агенти, тартиби адои хизмат дар Агенти ва воситаю усулҳои ҳамкории байналхалқиро дар мубориза бар зидди коррупсия мукарар менамояд.* Накши ҷомеаи граждани дар мубориза бар зидди коррупсия дар моддаи 4 Қонун «Принсипҳои фаъоияти Агенти » инъикоси худро ёфтааст, ки дар он пешбини шудааст, ки яке аз принсипҳои фаъолияти Агенти ин алоқамандӣ бо аҳолӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар фаъолият мебошад.

*f) Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чораҳои иловагӣ оиди пурзур намудани мубориза бар зидди ҷинояткори дар соҳаи иқтисод ва коррупсия». соли 1999.*

Мақсади Фармони мазкур баланд бардоштани самаранокиии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар сохторҳои давлатӣ дар мубориза бар зидди ҷинояткори дар соҳаи иқтисод ва коррупсия, пурзур намудани ҷавобгарии онҳо дар таъмини амнияти иқтисодии мамлакат мебошад, ки ин масъалаҳоро аз самтҳои бартариятноки сиёсати давлати номидаанд.

Бо мақсади баланд бардоштани маданияти ҳуқуқии аҳоли дар Фармони мазкур ба Вазорати фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комитет оид ба телевизион ва радиошунавонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амр дода шудааст, ки дар мутобиқсози бо роҳбарияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мунтазам оиди масъалаҳои сатҳи мубориза бо коррупсия ва ҷиноятҳои иқтисоди дар воситаҳои ахбори омма иттилоот пахш карда шаванд ва барномахое, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии мусоидат мекунанд, таҳия ва пахш карда шаванд.

## II. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИЯТ (фикри респондентҳо \ пурсидашудагон)

*Тасвири* **респондентҳо \ пурсидашудагон)**

Дар пурсиши анкета инҳо иштирок доштанд:

- Сокинони маҳаллаи деҳот, ки аз занҳо, кӯдакони ятим, маъюбон, кормандони ВАО- маҳалли, аҳли дин, лидерони иттиҳодияҳои ҷамъияти ва маҳалла.
- Хизматчиёни давлатии сатҳи маҳаллӣ.

Дар маҷмӯъ дар пурсиш 300 нафар ашхос пурсида шуданд, ки аз онҳо 54 нафарашон хизматчиёни давлатӣ, кормандони мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлатӣ мебошанд.

*Диаграмма № 1. Категорияи респондентҳо /пурсидашудагон/*




Аз шумораи умумии пурсидашудагон занҳо 53% - ро ташкил медиҳанд. Вобаста ба таркиби синнусоли: 29% -ро пурсидашудагон синнусоли аз 26-40 сола, 31% – ро 41-50 сола ва 20% -ро синнусоли 19-25 сола ташкил медиханд.

*Диаграмма № 2*






## а) Тасавурот дар бораи коррупсия

Аҳоли ва воситаҳои ахбори омма мунтазам мафҳуми «коррупсия» - ро номуайян истифода мебаранд ва дар мафҳуми он маҷмуъи гуногуни рафтор ва амалро дохил мекунанд. Дар анкетаи ба пурсидашудагон /респондентҳо/ пешниҳодшуда саволҳо ва варианти ҷавобҳо таҳия шуданд , ки фаҳмиши дар байни аҳоли доштаи коррупсияро ифода мекунанд. Инчунин ба пурсидашудагон /респондентҳо/ пешниҳод шуда буд, ки агар вариантҳои ҷавоби дар анкета овардашуда онҳоро қонеъ накунад, пас онҳо метавонанд мустақилона ҷавоби худро дарҷ намоянд.

Ба пурсидашудагон /респондентҳо/ тасвири ҳафт намуди кирдори коррупсиони пешниҳод карда шуда буд, ки аз он як ва ё ду-се- ро интихоб намуданд, ки ба фикри онхо мафҳуми коррупсияро нисбатан ифода менамояд.

Ба савол дар бораи он, ки «дар зери мафҳуми коррупсия чиро мефаҳмед», /респондентҳо/ пурсидашудагон якдилона чунин кайд намуданд: 36 % респондентҳо /пурсидашудагон коррупсияро ҳамчун ҷинояти бой шудан аз хисоби дигарон таъриф додаанд, 21 % пурсидашудагон коррупсияро хамчун пардохт намудани мукофотпули барои иҷрои вазифаҳои хизмати, 12% ва 11% респондетҳо/ пурсидашудагон коррупсияро хамчун воситаи азхудкунии моликияти давлатӣ ва пардохти маблағ барои таҳсил таъриф додаанд. Ҷавобҳо нишон медиҳанд, ки дар зери мафҳуми «коррупсия» афзалияти манфиатҳои шахсӣ аз манфиатҳои ҷамъиятӣ дар амали мансабдорони давлатӣ фахмида мешавад.

*<u>Диаграммаҳои № 3, 4</u>*



Ба пурсидашудагон /респондентҳо/ тасвири якчанд холат, ки ба фикри онҳо дар таҷриба бисёр дидан мумкин аст, пешниҳод карда шуд.

*<u>Диаграмма № 5</u>*




Қисми зиёди пурсидашудагон нишон доданд, ки барои аз тарафи шахси мансабдори давлатӣ қабул намудани қарори фаври ва ё мусбат вобаста ба ин ё он мушкилот мукофот ё ҳадя медиҳанд. Намуди дигари гирифтани мукофот ва ё ҳадя ин расонидани хизмат вобаста ба мушкилоти ба кор қабул шудан, инчунин додани имтиёз ба хешутабор, туҳфа ба духтурон ва муаллимон мебошанд. Чи тавре, ки аз мундариҷаи диаграммаи овардашуда бармеояд, респондентҳо/ пурсидашудагон зери мафҳуми «коррупсия» амалҳои бо пул алоқаманди доштаро мефаҳманд. Додани пора барои озод шудан аз хизмати ҳарби ва ё баръакс ҳамчун муҷозот фарзандони шахсро ба артиш фиристонидан ва имконияти «маслихат кардан» надодан низ хамчун омилҳои коррупсия номбар шудаанд. [4] Руйихат инчунин ибораҳои зеринро низ дарбар мегиранд: озод кардан аз хизмати харби, гирифтани нигоҳубини бехтарин дар муасисаи тибби, гирифтани ҳуқуқи ронандагӣ бе супоридани имтиҳон, дохил шудан ба муассисаи олии таълими, барои ҳуқуқвайронкуни аз ҷавобгари озод намудан. Ин руйихат мумкин аст, ки боз ҳам васеътар гардад, агар ҳудуди гузаронидани таҳқиқ васеъ карда шавад. Инчунин дар бораи кирдори коррупсионии «вазъияти манфиатдории харду тараф» низ қайд кардан мумкин аст, ки дар мавриди вуҷуд доштани он муайян кардани кирдори коррупсиони ниҳоят мушкил мегардад.

Фикри пурсидашудагон /респондентҳо/ дар мавриди он, ки то чи андоза одамон бо ҳодисаҳои коррупсия рӯ ба рӯ мешаванд, чунин таксим шуд.

[4] “Экспресс – баходихи ба вазъият, ки бо шикоят ва мурочиати шахрвандон алокаманди дорад» 2007сол.

*Диаграмма № 6*




52% респондентҳо/пурсидашудагон/ чунин ҷавоб доданд, ки мунтазам ва амалан оиди ҳамаи масъалаҳо бо ҳодисаҳои коррупсия рӯ ба рӯ мешаванд, 12% аз ҷавоб додан худдори намуданд, 31% ва 5% мутаносибан «гоҳ-гоҳ» ва ё «тамоман» бо ходисаҳои коррупсия рӯ ба рӯ намешаванд.

*Диаграмма № 7*




Ново

баста аз он, ки  30% пусидашудагон чунин ҳисоб мекунанд, ки зарур аст  аз ҳодисаҳои бо коррупсия алокаманд буда канораҷӯйи кард, қариб,  ки ҳамин қадар шумораи пурсидашудагон (29%) чунин ҳисоб мекунанд, ки аз чунин  ҳодисаҳо канораҷӯйи кардан намешавад,  35% -  пурсидашудагон эътимод доранд, ки  барои харчи зудтар ва босифат  ҳал кардани мушкилот, зарур аст, ки маблағи пули пардохт карда шавад. Вале новобаста аз ин, онхо бовари доранд, ки  аз коррупсия канораҷӯйи кардан мумкин аст.  Масъалаи мазкуро дар вобастагӣ ба синнусоли пурсидашудагон таҳлил намуда, чунин нуқтаро қайд менамоем, ки синнусоли пурсидашудагон /респондентҳо/ ҳар қадар калон бошад, ҳамон кадар сатҳи муқобилиятнишондихияшон  ба коррупсия зиёд аст.

*Диаграмма  № 8*




Респондентҳо  /пурсидашудагон/ сабаби коррупсияро дар чи мебинанд, зарари мерасонидаи коррупсияро дар кадом  хаҷм ва андоза мебинанд, камбудии коррупсия дар низоми идоракунии давлатӣ  дар чи мебошад, барои решакан намудани коррупсия чигуна чораҳо андешидан зарур аст?

Кисми зиёди  респондентҳо / пурсидашудагон, яъне 34%  сабаби асосии корупсияро дар иҷро нагардидани қонунҳо 18%  дар  надонистани ҳуқуқҳои шаҳрвандон  мебинанд. Ҳамин тавр,  52 % пурсидашудагон сабаби коррупсияро бо омилҳои ҳуқуқӣ маънидод менамоянд.  Танҳо  22% респондентҳо /пурсидашудагон/ паст будани сатҳи зиндагиро ҳамчун сабаби корупсия меноманд.

Ҳамаи дигар сабабҳо хамчун сабабҳои на он қадар муҳим арзёби  мешаванд. Паст будани маоши мансабдорон (9%), тарсидани мавриди таъқиб карор гирифтан барои танкид (6%), омодагии шаҳрвандон барои додани пора (4%) низ ҳамчун сабабҳои коррупсия арзёби шудаанд.

Яке аз сабабҳои коррупсияро бесаводии ҳуқуқӣ арзёби намуда, респондентҳо /пурсидашудагон/ эътироф намуданд, ки паҳн гардидани коррупсия ин гуноҳи на танҳо мансабдорон, инчунин гуноҳи онҳое мебошад, ки онро далолат, дастгири ва иғво менамоянд.

*Диаграмма № 9*




Одамон бо кадом сабаб барои ҳал намудани мушкилоти худ ҳамеша пул пардохт мекунанд ва ё туҳфа тақдим мекунанд? Қисми зиёди респондентҳо /пурсидашудагон/ чунин ҷавоб додаанд, ки мансабдорон чунин «шароит» фароҳам меоваранд, ки инсон маҷбур мешавад, ки барои ҳалли мушкилоташ пора диҳад. Сабаби дигари коррупсия, ки дар пурсиш мақоми дуюмро ишғол намуд, ин - тарафҳо пешаки рози ҳастанд, ки мушкилоташонро ба воситаи мукофотдиҳи ҳал намоянд. Чунин ҳолат мухолифи он тасдиққуниҳое мебошад, ки танхо 4 % пурсидашудагон коррупсияро ҳамчун воситаи тез ҳал кардани мушкилоташон мебинанд. Чунин гумон мешавад, ки ин усулро шумораи зиёди пурсидашудагон низ истифода мебаранд.

*Диаграмма № 10*




Шахсе, ки барои ҳал кардани мушкилоташ маблағ пардохт мекунад ва ё тӯҳфа медиҳад, чи эҳсос мекунад? Андешаҳо ба тариқи ҳиссагӣ чунин тақсим шуданд: 58 % чунин кайд карданд, ки боварии комил доранд, ки мушкилоташон ҳал мешавад, 16% пурсидашудагон ҳашм ва безобитагиро эҳсос мекунанд. Аҷоибовар он аст, ки миёни респондентҳо/ пурсидашудагон ҳастанд пурсидашудагоне, ки барои маблағи барои хизмат пардохтнамудаашон миннатдориро эҳсос мекунанд. Аз шумораи умумии пурсидашудагон онҳо 9% - ро ташкил медиханд. 58% респондентҳо /пурсидашудагон/ (бовари доранд, ки мушкилоташон ҳал карда мешавад) ва 9% (миннатдори барои хизмат) хавф аз он доранд, ки эътирози дар аҳоли пешбинишуда ба тайёрии дохил шудан ба муносибати коррупсиони барои ҳал намудани таъҷилии мушкилот иваз карда мешавад.

Соли 2009 Ташкилоти ҷамъиятии байналхалқии «Ҳуқуқ ва Беҳбудӣ» ҳисобот [5] тайёр намуд, ки дар он кисми зиёди шаҳрвандони пурсидашуда ба сатҳи фаъолнокии шаҳрвандон баҳодиҳии монанд карданд. Мувофиқи баҳои онҳо, шахрвандон барои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои шахсияшон дараҷаи миёнаи фаъолнокиро аз панҷ варианти имконпазир нишон медиханд.

Қисми зиёди пурсидашудагон аз шумораи сокинони деҳот дар ҷавобҳои худ аз баён намудани сабаби фаъолнокии худ худдори намуданд. (39,45%). Дар баробари ин, шаҳрвандоне, ки ҷавоб доданд, сабаби коррупсияро дар баробари баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолии, инчунин дар паст будани сатҳи зиндагӣ низ мебинанд. Бемаърифатии ҳуқуқии худро пурсидашудагон аз бисёр ҷихат бо фаъолияти ташкилотҳои ҷамъияти алоқаманд медонанд.

[6] МТС дар ҳисоботи худ, ки соли 2006 бо дастгирии БРМИ СММ гузаронида буд, чунин қайд гардидааст, ки : « он, ки имруз коррупсия тамоми риштаи ҳокимятро аз боло то ба поён хурда истодааст, гуноҳи на танҳо мансабдорон аст. Ҳарчанд ки

---

[5]Хавасмандгардонии инкишофи самараноки чомеаи граждани барои дастгирии гуруҳои маргиналии ва табақаҳои поймолшудаи ахоли ва таъмини зерхисоботии чамъиятхо , хакимяти махали, ва хокимят дар сатхи мили» Душанбе 2009 сол.

[6] Хисоботи «Коррупция дар Чумхурии Точикистон» Афкори ахли чамъият . Душанбе 2006сол.

дар дарaҷаи нобаробар, ва асабони масъулияти онҳое низ ҳаст, ки пора медиҳанд *(яъне коррупсияро далолат ва игво мекунанд). Коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меъёри нонавиштаи ҷамъиятии амали шаҳрвандон ва соҳибкорон мубаддал гашта, намунаҳои амалҳои тарафайн созишнамударо ташкил додаст, («enforcement» (фишор), ки дорои шиори ғайрирасмии «агар мумкин нест, вале ҳоҳиш мешавад, пас иҷозат аст », ки мувофиқи «хизматрасонии ғайрирасмии мансабдорон» ба амал бароварда мешавад.*

b) **Сарҷашмаҳои ба миён омадани андеша дар бораи коррупсия**

*Диаграмма № 11*




Фикр ва афкори ҷамъият нисбати коррупсия дар асоси чи ба миён меояд? Бешубҳа, накши иттилоот дар ин самт ба назар мерасад. Иттилооте, ки барои аҳоли дастрас мебошад ва бо хар шакле ба сатхи бовари ба макомоти ҳокимят таъсир мерасонад. Аз нисф зиёди пурсидашудагон /респондентҳо/ воситаҳои ахбори оммаро ҳамчун сарчашмаи асосии иттилоот дар бораи коррупсия номбар карданд. Қисми дигари аққалият, таҷрибаи шахси ва иттилоот аз хешутабор ва рафиконашонро хамчун сарчашмаи иттилоот дар бораи корупсия арзёби намуданд. Ягон нафар аз пурсидашудагон мақомоти ҳокимятро ҳамчун сарчашмаи иттилоот дар бораи коррупсия номбар накард. Далели мазкур шаҳодати масъулияти калони воситаҳои ахбори омма дар самти иттилоотрасонӣ ба аҳолӣ дар бораи коррупсия ва ташабусҳои зиддикоррупсиони мебошад. Агар воситаҳои ахбори омма аз иҷрои қонеъ намудани талабот ва масъулияти ба зиммаи онҳо гузошта набароянд, бешубҳа ин холат ба афкори объективии аҳоли дар муносибат ба коррупсия таъсир мерасонад. *Натиҷаи пурсиш чунин пешбини менамоянд, ки макомоти ҳокимят бояд ба масъалаи иттилоотонии аҳоли дар бораи коррупсия ва чораҳои андешидааашон диққати махсус зоҳир намоянд.*

Маълумот барои андешарони ба ташкилотҳои ҷамъияти: респондентхо /пурсидашудагон/ ташкилотҳои ғайридавлатиро ҳамчун сарчашмаи иттилоот номбар

накарданд. Агар ба вазъият бо назардошти гуруҳои демографи назар афканем, пас респондентҳои /пурсидашудагони/ гуруҳи синусолии аз 26-40 ва 41-50 иттилооти зиёдеро аз таҷрибаи шахсии худ доранд.

Ҳуқуқи шахрвандон ва шахсони ҳуқуқи ба иттилоот яке аз ҳуқуқҳои асосии конститутсиони ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз ин, яке ан нишондодҳои муҳиме мебошад, ки бо он шаффофияти рафти қабули қарорҳо аз тарафи мақомоти давлатӣ, масъулият дар назди шаҳрвандон ва зерҳисоботи баҳогузори кардан мумкин аст.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқӣ озодона дастрас намудани иттилоотро кафолат медихад. Моддаи 30 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи озодии итттилоотро кафолат медихад: «Ба ҳар кас озодии сухан, нашр, матбуот, ҳуқуқи озодона истифода намудани воситаҳои ахбори омма кафолат дода мешавад.

Ҳуқуқи субъективии шахсият ба иттилоот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» (14.12.1990 сол.), Қонун «Дар бораи иттилоот» (23.04.2002 сол.) ва Қонун «Дар бораи ҳуқуқи дастраси ба итилоот» (5.07.2008 сол.), кафолат дода шудаанд. Чунончи, дар моддаи 2 Қонун «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба итилоот» чунин пешбини шудааст: « **ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот – ҳуқуқи ҳар шаҳрванд ба ҷӯстуҷӯи озодонаи иттилоот ва ба даст даровардани он аз мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, дигар мақомоту ташкилотҳое, ки давлат ба онҳо ваколатҳои омирона додааст, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шахсони мансабдори онҳо, ки ин иттилоотро қонунан дороянд».** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуот ва дигар воситаҳои ахбори омма» муқаррар намудааст, ки шаҳрвандон ҳуқуқи таъҷилан гирифтани ахборро аз воситаи воситаҳои ахбори омма дар бораи фаъолияти макомоти давлати, ташкилотҳои ҷамъияти ва шахсони мансабдор доранд.

Консепсияи «Бехатарии иттилооти Тоҷикистон», ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.11.2003 сол тасдиқ карда шудааст, чор манфиати асосии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи итилоот муайян намудааст, ки қисмати дуввуми он аз таъмини иттилооти сиёсати давлатӣ вобаста ба самъи халқи Тоҷикистон ва ҷомеъаи байналхалқи расонидани иттилооти дуруст дар бораи сиёсати давлатӣ Тоҷикистон, мавқеъи расми оид ба масъалаҳои муҳими ҷумҳури ва хаёти байналхалқи, бо таъмини шаҳрвандон барои дастраси ба иттилооти кушод мебошад.

*Диаграмма № 12*




Нақши ВАО ҳамчун сарчашами иттилоот инчунин бо таҳқикоти гузаронидани ҲваБ дар соли 2009[7] низ тасдик карда мешавад, ки дар он респондентҳо /пурсидашудагон/ ВАО- ро ҳамчун сарчашмаи асосии иттилоот номбар карда буданд. Дар таҳқикоти мазкур ҳамчун сарчашмаи итилоот воситаҳъои ахбори омма ва вохури бо рохбарияти ноҳия номбар гардида буданд. Респондентҳо /пурсидашудагон/ ба овоза низ накши мухим додаанд. Асосан дар махаллаҳои деҳот масҷитҳо дорои мартабаи муайян мебошанд. Имрузҳо, масҷит яке аз ҷойхое мебошад, ки дар баробари саҷда кардану намоз хондан, дар он масъалаҳои мубрами хоҷагидори низ муҳокима мешаванд. Дар бисёр қисматҳои аҳолинишини маҳал, дигар намуди ҷойи ҷамъиятии ҷамъ кардани аҳоли вучуд надорад. Масъалаи муносибат ба иттилоот, ки аз воситаҳои ахбори умум мегиранд, нишон медихад, ки шахрвандон ба тариқи гуногун ба итилоот вокуниш нишон медиҳанд, инчунин бо ҳар намуд ва усул кушиш мекунанд, ки иттилоотро ба даст оваранд.

---

[7] «Хавасмандгардонии инкишофи самараноки чомеаи граждани барои дастгирии гурухои маргиналии ва табакахои поймолшудаи ахоли ва таъмини зерхисоботии чамъиятхо , хакимяти махали, ва хокимят дар сатхи мили» Душанбе 2009 сол.

*Диаграмма № 13*




Дар баъзе мавридҳо - ин нобовари - 23%, 36 % респондентҳо/пурсидашудагон/ кушиш мекунанд, ки ҳамеша аз пайи иттилооти ҳодиса бошанд, вазъиятро назорат кунанд, иттилоотонии худро баланд гардонанд, 10% бетафовутиро нишон доданд, 29% пурсидашудагон дар баъзе маврид вобаста ба ҳолат ва вазъият дар бораи корупсия иттилоотро мехонанд, мешунаванд ва мебинанд. 57% респондентҳо \пурсидашудагон\ арз намуданд, ки дар бораи сиёсат, конун, мақомоти маъмури, ки бо коррупсия мубориза мебаранд, иттилоот надоранд, 13% респондентҳо \пурсидашудагон\ арз намуданд, ки ҳеч гоҳ ба ин иттилоот тавачуҳ накардаанд ва 30 % ҷавоб доданд, ки дар ин мавзуъ иттилоот доранд. Чун коида, дар назди мақомоти маркази ва маҳаллии идоракунии ҳокимят маркази матбуот ва шӯъбаи иттилоот фаъолият мекунанд, ва ё шахси мансабдори масъуле фаъолият мекунад, ки барои робита бо ҷамъият масъул мебошад. Тарғиби қонунҳо, аз ҷумла қонунҳое, ки барои мубориза бар зидди коррупсия нигаронида шудааанд, яке аз вазифаҳои муҳими мақомоти давлатӣ ба ҳисоб меравад.

## c) Паҳншавии коррупсия

*Диаграмма № 14*




Ба фикри Шумо барои ҳал намудани кадом мушкилот ва масъалаҳо одамон бештар ба мансабдорон ҳадя медиҳанд? Респондентҳо/пурсидашудагон/ аз вариантҳои пешниҳодшуда ҷавобҳои зеринро интихоб намуданд: дар ҷойи аввал масъалаҳо вобаста ба манзил ва истифодабарии манзил мебошанд. Бартарии ин соҳа ба он асоснок карда мешавад, ки респондентҳо/пурсидашудагон/ дар маҳаллаҳои деҳот истикомат мекунанд. Сипас, дар мақоми дуюм суд, соҳаи тиб, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, андоз ва маориф мебошанд.

Таҳқиқоти дар мавзӯи коррупсия дар мамалакат аз руйи сектор гузаронидашуда коррупсияро дар соҳаи маориф, андозбанди ва дар соҳаи тандурусти ва ғайраро нишон медиҳад. [8] Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқи МТС (соли 2006) коррупсия дар сатҳи гуногуни сохторҳои ҳокимяти ва амалан дар тамоми сохтори давлат ба назар мерасад. Мувофиқи фикри якдилонаи респондентҳо/пурсидашудагон/ ягон мақомоти давлатие нест, ки ба коррупсия даст надошта бошанд. Ин бо он алоқаманди дорад, ки ҳамаи онҳо дорои вазифаҳои амрдиҳи ва батанзимдарори буда, дар ихтиёрашон захираҳои моддие мебошанд, ки барои коррупсия шароити мусоид фароҳам меоварад.

---

[8] Ҳисоботи «Коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Афкори аҳли ҷамъият . Душанбе соли 2006.

Дар муқоиса бо дигар соҳаҳо, низоми бонки, ВАО ва соҳаи истифодабарии об хамчун соҳаҳои кам коррупсияшуда фахмида мешаванд. Вале новобаста аз ин, аз чор як ҳиссаи респондентҳо /пурсидашудагон/ чунин ҳисоб мекунанд, ки қисми барзиёди мансабдорон гирифтори коррупсия мебошанд.

Пурсиши аз тарафи ҲваБ дар соли 2009 гузаронидашуда [9] бештар ба саволҳои инкишофи институтсионали асос ёфта буд ва дар назди худ мақсади муайян кардани сохторҳои давлатие, ки шаҳрвандон ба он муроҷиат мекунанд, надошт. Вале сохтори мавзӯи муроҷиати шаҳрвандон, ки паҳлуҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеъаро инъикос мекунад, дар мавзӯи мазкур аз лиҳози муайян намудани ҷойҳои сусти низоми идоракуни барраси гардид. Мувофиқи маълумотҳои пурсиши гузаронидашуда, асосан мурохиати шаҳрвандон оиди масъалаҳои манзил ва замин бартарият дошта, сипас бартарият ба масъалаҳои пардохти пулӣ, андозбандӣ, тандурустӣ ва маориф дода мешавад.

*Диаграмма № 15*




Дарк намудани оқибатҳои коррупсия ва дараҷаи зиёни мерасонидаи он ҳангоми муайян намудани чораҳои мубориза нихоят муҳим мебошад. 39% респондентҳо /пурсидашудагон/ дарк менамоянд, ки коррупсия мушкилоти ҷиддии ҷамъият мебошад. 41 % респондентҳо /пурсидашудагон/ коррупсияро ҳамчун таҳдиди инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат меҳисобанд,

4 % чунин ҳисоб мекунанд, ки коррупсия ин мушкилот нест ва 9% пурсидашудагон барои ҷавоб додан ба ин савол мушкили кашиданд. Хангоми сӯҳбат бо пурсидашудагон, кисми зиёди респондентҳо камбизоатиро хамчун оқибати коррупсия номиданд. Бюджети оила дар маҳаллаҳои деҳот дар бисёр маврид ҳамаи хароҷотҳоро барои хурок, либос, табобат, маълумот намепушонад. Ҷудо намудани маблағ барои подош (пора, ҳадя) бюджети бе ин ҳам харобро боз хам хароботар мегардонад. Респондентҳо/пурсидашудагон/ чунин акида изҳор намуданд, ки

[9] Ҳавасмандгардонии инкишофи самараноки ҷомеаи граждани барои дастгирии гуруҳои маргиналии ва табақаҳои поймолшудаи аҳоли ва таъмини зерҳисоботии ҷамъиятҳо, ҳакимяти маҳали, ва ҳокимят дар сатҳи милли . Душанбе соли 2009.

ҷавонони зиёди пуристеъдод бинобар надоштани имконияти пардохт кардан барои таҳсил, наметавонанд сафи интелектуалҳои мамлакатро пур кунанд. Маблағҳое, ки барои қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ нигаронида шудаанд, ҳангоми гузаштани зинаҳои гуногун дар низоми мақомоти давлатӣ «азхуд карда мешаванд ва ё ихтисор карда мешаванд». Ба фикри пурсидашудагон «адолати судди танҳо барои онҳое кор мекунад, ки пул доранд». Ҳангоми сӯҳбат мансабдорон чунин изҳори акида намуданд, ки барои маблағгузории мақомоти хифзи ҳуқуқ, ки бо коррупсия мубориза мебаранд, маблағҳои назарраси бюджети давлатӣ ҷудо карда мешаванд, ки мумкин аст ин маблағҳоро барои барномаҳои иҷтимоию- иқтисоди сарф намуд. Аммо, миёни респондентҳои ҷавон чунин акида вуҷуд дорад, ки коррупсияро ҳамчун имконияти ба даст овардани даромади иловагӣ арзёби мекунанд. Дар ин ҳолат сохтори мақомоти ҳокимяти давлатӣ мазмуну моҳият ва вазифаи худро аз даст медиҳанд. Ваколати ихтиёрдори кардан ва қабули қарор ба усули гирифтани фоидаи шахси мубаддал мегардад.

**d) Заминаҳо барои барномаҳои зиддикоррупсиони. Омодагии муқобилият нишон додан.**

69% респондентҳо /пурсидашудагон/ чунин гумон мекунанд, ки шаҳрвандони одди бар зидди мансабдорон мубориза бурда наметавонанд., 17 % ҷавоб доданд, ки мубориза бурда метавонанд» , 14 % барои ҷавоб ба ин савол мушкили кашиданд.

*Диаграмма № 16*




Ба фикри респондентҳо /пурсидашудагон/ мубориза бар зидди коррупсия ин ӯҳдадории Ҳукумат мебошад, сипас ин вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти махсуси мубориза бар зиди коррупсия, ва сипас дар мақоми чорум ҷомеъаи граждани ва шаҳрвандони қатори, судҳо, ВАО, интернет, телевизион, маҷалла, радио, ва ташқилотҳои ҷамъияти мебошанд.

Маълумотҳоро оиди сарчашмаҳои иттилоот (ВАО фоизи барзиёд соҳиб шуданд) ва андешаро дар бораи он, ки бо коррупсия ки мубориза мебарад (ВАО дар мақоми пеш аз охирон қарор дорад) муқоиса намуда, хулоса кардан мумкин аст, ки респондентҳо /пурсидашудагон/ мубориза бо коррупсияро ҳамчун вазифаи репресивии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мефаҳманд ва дар ин маврид ба моҳияти пешгирии коррупсияро эътибор намедиҳанд.

*Диаграмма № 17*




Дар бораи таҷрибаи вуҷуддоштаи мубориза бар зидди коррупсия чи андеша доред? 80 % одамон айд намуданд, ки мубориза бо коррупсия самаранок мебошад, 56% қайд намуданд, ки мансабдороне, ки вазифаи баландро ишғол менамоянд, ба ҷавобгари кашида намешаванд, 44% пурсидашудагон вазъиятро баҳогузори карда натавонистанд, 46% пурсидашудагон вариантҳои вазъияти худро пешниҳод намуданд. (ин вазъият ҳамаро қонеъ мекунад, коррупсияро решакан кардан намешавад, мубориза бо коррупсия вонамуд карда мешавад ).

Андешаҳо дар бораи усулҳои решакан намудани коррупсия чунин тақсим шуданд:

46 % респондентҳо /пурсидашудагон/ чунин ҳисоб мекунанд, ки коррупсияро решакан намудан мумкин аст, 36% гумон мекунанд, ки коррупсияро пурра решакан кардан намешавад. Дар ин ҳангом, андеша вуҷуд дорад, ки коррупсия бо чунин хислати одамон ба монанди «ҳасиси» алоқаманди дорад ва аз ин ру решакан кардан номумкин аст, вале бо он фикр рози мебошанд, ки сатҳи коррупсияро дар ҷомеа паст кардан мумкин аст. Барои решакан намудани коррупсия ё паст кардани коррупсия ба фикри пурсидашудагон /респондентҳо/ кадом чораҳоро андешидан мумкин аст.

*Диаграмма № 18*




Баланд бардоштани саводи қуқуқии аҳолӣ  ва иродаи қотеъонаи ҳокимяти давлатӣ  - ин андешаҳо  шумораи зиёд ва баробари  овози пурсидашудагонро соҳиб шуд. Дар макоми сеюм - пуркуввват кардани чазо барои  чиноятхои коррупсиони, сипас- химоя ва хавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки барои мубориза бо коррупсия омода ҳастанд, мониторингӣ ҷамъиятии барномаҳои давлатӣ ва баланд бардоштани музди моаши мансабдорони давлатӣ.

Таҳқиқоти мо  робитаи байни  дараҷаи музди меҳнати мансабдорони давлатӣ ва  сатҳи коррупсияро мукарар намекунад. Аммо, чи тавре, ки таҷрибаи давлатҳои дигар нишон медиҳанд,  баланд бардоштани музди меҳнати мансабдорон  бе  дар якҷояигии баланд бардоштани  самаранокии идоракуни  сатҳи коррупсияро дар мамлакат паст карда наметавонад.

Аз тарафи давлат ҳимоя ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки омода ҳастанд бо коррупсия мубориза баранд, ҳамчун воситаи мубориза бо коррупсия кайд карда шуд. Дар мавриди риоя гардидани  шарти махфият, респондентҳо /пурсидашудагон/ омода ҳастанд, ки ба макомоти ҳокимят дар бораи фактҳои коррупсия ҳабар расонанд.

Ҳисоботи  доимии мансабдорон оиди фаъолият ( фаъолияти барномави ва молиявӣ)  дар назди аҳоли  ба воситаи  телевизион,  ва ВАО, инчунин бевосита дар вохуриҳо бо аҳоли низ дар пурсиш ҷойи минбаъдаро соҳиб гардид.  Хурсандиовар аст, ки  респондентҳо /пурсидашудагон/  аҳамияти ҷалб намудани  ҷомеаи гражданиро дар мониторингӣ иҷрои барномаҳои давлатӣ  дарк менамоянд.

*Диаграмма № 19*




Респондентҳо /пурсидашудагон/ то ба кадом дарачҷа худашон тайёр ҳастанд, ки бевосита бо коррупсия мубориза баранд? 36% қотеъона омода ҳастанд, ки бо коррупсия мубориза баранд, 28 % рад намуданд. 22% респондентҳо ҳануз мавқеъашонро муайян накардаанд, 14 % ба савол ҷавоб надоданд.

## V. Хулосаҳо ва тавсияҳо.

Ҳулосаҳои дар натиҷаи таҳқиқи мазкур ба дастомада, барои ҳамаи онҳое, ки барои мухокимаи ин масъала, таҳия ва амали намудани барномаҳои зиддикоррупсиони дар қисми пешгирии коррупсия ва татбиқи бехтари қонунҳо дар оянда манфиатдор мебошанд, метавонад ҳамчун асоси заминави истифода карда шавад.

Акнун ба баъзе хулосаҳои умумии натиҷаи таҳқиқи гузаронидашуда истода мегузарем. Қонунгузорие, ки сиёсати коррупсиониро муайян менамояд, аз низоми меъёрҳои ҳуқуқии сатҳ ва соҳаҳои гуногун иборат мебошанд. Ба саволҳо дар бораи он, ки то ба кадом дараҷа қонунгузори ба воқеъияти имрӯза ҷавобгӯй мебошад ва оё он имкон медиҳад, ки ҳамаи муқаррароти дар он пешбинишуда пурра амали шавад, дар асоси натиҷаҳои танҳо як таҳқиқ ҷавоби аниқ додан хеле мушкил аст. Яке аз мақсадҳои таҳқики мазкур – ин ҷалб намудани диққати ташкилотҳои ҷомеаи граждани ба мавзӯи мазкур мебошад, ки ҷузъи муҳими барнома оиди шафофият ва зерҳисоботии «идоракунии самаранок» мебошад.

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам ба стандартҳои байналхалқии мубориза бар зидди коррупсия мувофиқ гардонида шудааст. Вале, дар амалия фаҳмиши коррупсия якхела намебошад. Респондентҳо /пурсидашудагон/ дар зери мафҳуми «коррупсия» амалҳои намояндагони ҳокимятро вобаста ба маблағҳои пули мефахманд. Протексия, маҳалгарои, подошдиҳи, ҳадядиҳи, баромадан аз ҳадди ваколатҳои мансаби, ғайримақсаднок истифода бурдани амволи ҷамъияти ҳамчун кирдорҳои коррупсиони барраси карда намешаванд. Порагирии хурд ва туҳфадиҳиву подош додан, аз тарафи аҳоли ҳамчун меъёрҳои табии рафтор арзёби карда мешаванд. Ҷавонон нисбати коррупсия ниҳоят тоқатфарсо мебошанд.

***<u>Тавсияҳо:</u>***

- *Дар барномаи мактаби дохил намудани инъикоси масъалаҳои коррупсия ва оқибатҳои ногувори он;*
- *Беҳтар гардонидани иттилоотонии аҳоли оиди мушкилоти корупсия дар маҷмуъ ;*
- *Беҳтар гардонидани иттилоотонии аҳоли дар бораи зарарҳои иҷтимои ва иқтисодии зуҳуроти коррупсия, ба монанди протексионизм, суистифодаи амволи ҷамъяти ва дигар шаклҳои кирдорҳои коррупсиони;*

- Ҳарчанд, ки дар санадҳои меъёри чунин ғояхо ба мисли иштироки васеъи ҷомеаи граждани, бунёди тафакури зиддикоррупсиони, ба эътибор гирифтани афкори ҷамъиятӣ аз тарафи мақомоти давлатии зиддикоррупсиони ва ғайраҳо эълон шуда бошанд ҳам, аммо бе механизмҳои махсус, гуфтугуи ҳокимят бо ҷомеаи граждани ва ташабуси граждани, хамагуна ташабусҳо татбикнашуда боқи мемонанд.

***Тавсияҳо:***

- *Таҳия кардани Барномаи маҷмӯъии зиддикоррупсиони, ки иштироки мақомоти гуногуни ҳокимяти давлатӣ, ҷомеаи граждани, соҳибкорон, воситаҳои ахбори оммаро пешбини мекунад.*
- *Таҳияи механизмҳои фаъолияти якҷояи ташкили ҷомеаи граждани ва мақомоти давлатӣ дар мубориза бар зидди коррупсия.*
- *Дар сатҳи қонунгузори мустаҳкам намудани механизми ҳамкории ташкилотҳои ҷамъияти ва мақомоти ҳокимят дар асоси гояҳои ҳамкории иҷтимои, зимнан истисно намудани қоидаи «сардор - тобеъ».*
- *Ҷалб намудани ташкилотҳои ҷамъияти барои иҷрои фармоиши давлатии иҷтимои дар соҳаи коррупсия;*
- *Аз тарафи ТҶГ ташкил кардани «шурои ҷамъияти оиди мубориза бар зидди коррупсия », ки ба ҳайати он намояндагони ташкилотҳои ҷамъиятии ҳуқуқҳимоякунанда, гуруҳҳои ҷамъиятии ташабускор дохил шаванд. (Стратегия ташкили комиссияҳои ҷамъиятиро оиди пешгирии коррупсия дар назди мақомоти маҳаллии ҳокимяти давлати пешбини менамояд).*
- *Гузаронидани Мониторингӣ алтернативии ҷамъиятии Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи ташкилотҳои ҷамъиятии милли ва Шурои ҷамъиятии мубориза бар зидди коррупсия.*
- *Ба Стратегияи мубориза бар зидди коррупсия дохил намудани гузаронидани вохуриҳои мунтазам ё форумҳо бо иштироки намояндагони парламент, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсия бо ташкилотҳои ҳуқуқҳимоякунанда (бо мақсади таҳияи ташабусҳои ҷамъияти ва пешниҳодҳо оиди мукамал гардонидани сиёсати зиддикоррупсиони ).*

- Респондентҳо /пурсидашудагон/ сатҳи пасти иттилоотонии худро дар бораи чораҳо ва барномаҳои зиддикоррупсионии ҷори ва амалишуда қайд намуданд (57% ) Пурсидашудагоне, ки қайд намуданд, ки ба онҳо чунин чораҳо маълум аст, дар бисёр холатҳо иттилоотро аз воситаҳои ахбори омма гирифтаанд.

***Тавсияҳо:***

- *Барномаҳо оиди баланд бардоштани сатҳи дониши рузноманигорон дар соҳаи коррупсия инкишоф дода шуда, барои инкишофи воситаҳои ахбори оммаи мустақил мусоидат карда шавад, дикати махсус ба инкишофи воситаҳои ахбори оммаи мустакили маҳалли дода шавад.*
- *Барномаҳои баланд бардоштани шафофияти ҳокимят, иштироки шаҳрвандон дар қабули қарорҳои мақомоти давлати ва назорати ҷамъияти аз болои сифати кори мақомоти ҳокимят таҳия ва амали карда шаванд.*
- *Барномаи ташабусҳои зиддикоррупсиони ва самаранокии онҳо беҳтар карда шавад;*
- *Беҳтар кардани вазъи кори сохторҳои мақомоти ҳокимяти давлати, ки робитаро бо ВАО ва аҳли ҷомеъа ба амал мебароваранд, бо мақсади иттилоотонии аҳоли дар бораи чорабиниҳои гузаронидашуда ва ё ба накашагирифташуда оиди паст кардани сатҳи коррупсия.*

*Қисми зиёди респондентҳо /пурсидашудагон/ сабаби асосии коррупсияро дар иҷро нагардидани қонунҳо, надонистани ҳуқуқҳо аз тарафи шаҳрвандон ва сатҳи пасти зиндагӣ мебинанд.*

***<u>Тавсияҳо:</u>***

- *Дастгири намудан ва инкишоф додани барномаҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвадон бо таваҷух зоҳир намудан ба соҳибкорон ва ташкилотҳои ҷамъияти.*
- *Мунтазам иттилоотонии аҳоли дар бораи сиёсати давлат дар соҳаи коррупсия ва нақши аҳоли дар самти мубориза бо коррупсия.*
- *Аз тарафи мақомоти давлати таҳия намудани номгуйи хизматрасониҳои давлатӣ, мундариҷа ва мухлати иҷроиши он, хуҷатҳои зарури ва андозаи маблаги ситонидашаванда ва дар таҳтаи эълонҳо овехтани онҳо.*

- Фаҳмиши оқибатҳои коррупсия ва зарари мерсонидаи он ҳангоми интихоби чораҳои мубориза бар зидди коррупсия аҳамияти муҳим доранд: 39 % респондентҳо /пурсидашудагон дарк менамоянд, ки коррупсия мушкилоти ҷиддии ҷамъият мебошад, 41 % чунин ҳисоб мекунанд, ки коррупсия ба инкишофи иҷтимоию иқтисодии мамлакат таҳдид мекунад, 4 % чунин ҳисоб мекунанд, ки коррупсия ин мушкилот нест ва 9% барои ҷавоб додан ба ин савол мушкили кашиданд. Ба фикри пурсидашудагон, сабабҳои асосии корупсия ин инкишофи сусти иқтисодии мамлакат ва паст фаромадани сатҳи зиндагии аҳолии он мебошад. Бисёриҳо дар байни коррупсия ва камбизоати ҳамбастагиро қайд мекунанд.

***<u>Тавсияҳо:</u>***

- *Мукаммал гардонидани барномаҳои иттилоотонии аҳоли дар бораи оқибатҳои иҷтимои ва иқтисодии порагири. Самти фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ на танҳо ба фактҳои калони коррупсия, балки ба фактҳои хурд ва моддии коррупсия низ нигаронида шаванд.*

- Қисми зиёди пурсидашудагон чунин ҳисоб мекунанд, ки коррупсияро дар ягон шароит сафед кардан мумкин нест, вале воқеъан аз се як ҳиссаи пурсидашудагон чунин ҳисоб мекунанд, ки ҷомеъа бе он буда наметавонад, барои босифат ва таъҷилан иҷро гардидани мушкилот беҳтар аст маблағ пардохт карда шавад.

**Тавсияҳо:**

- *Гузаронидани чорабиниҳои зиддикоррупсиони бо иштироки ҷавонон, хусусан ба воситаи ҳамкории иҷтимои бо ҷомеаи граждани.*
- *Гузаронидани маъракахои фахмонидадихи барои паст кардани токаткунии ахоли ба коррупсия ва иштирок дар амалхои зиддикоррупсиони.*

- Дар байни чораҳое, ки респондентҳо /пурсидашудагон/ бахри мубориза бар зидди коррупсия номбар кардаанд, инҳо мебошанд: амалхои котеъонаи хокимят, маърифати хукукии ахоли, сипас- пурқувват кардани ҷазо барои ҷиноятҳои коррупсиони, ҳимоя ва ҳавасмандгардонии шаҳрвандоне, ки омода ҳастанд бо коррупсия мубориза баранд, мониторингӣ ҷамъиятии барномаҳои давлатии инкишоф ва баланд бардоштани музди меҳнати мансабдорон мебошанд

**Тавсияҳо:**

- *Мустаҳкам ва пурқувват намудани ҷомеаи граждани, ва сектори соҳибкори барои таъсир расонидан ба макомоти ҳокимят ва водор намудани онҳо барои мубориза ва пешгири намудани коррупсия.*
- *Беҳтар гардонидани вазъи иттилоотрасонии мақомоти ҳокимят ба аҳоли ба воситаи ВАО ва дигар усулҳо.*
- *Таҳия ва амали кардани механизмҳои қатъии назорати дохили (бехатарии дохили) дар дохили мақомоти ҳокимяти давлатӣ. Инкишоф додани назорати ҷамъияти аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимят.*
- *Механизмҳои самараноке ташкил карда шаванд, ки барои муроҷиати одамон оиди фактҳои коррупсия, масалан низоми мукофотонии пули, мусоидат намоянд.*

- Респондентҳо/ пурсидашудагон/ эътироф намудаанд, ки зарур аст сатҳи коррупсия паст карда шавад ва пурсидашудагон чунин меҳисобанд, ки мубориза бар зидди коррупсия ин ӯҳдадории ҳукумат ва мақомоти махсуси он мебошад ва зимнан худро дар мавқеъи чаҳорум гузоштаанд. Респондентҳо/ пурсидашудагон/ ӯҳдадории беҳбуд гардонидани вазъи минбаъдаи худ ва вазъи мамлакатро ба зиммаи ҳокимят вогузор намудаанд ва аз худро аз ташабус ва масъулият барои оянда дурр намуданд. Мушкилоти мазкур барои ҳал намудан вақти назарасро талаб мекунад.
  - *Ташкили механизмҳои самараноки ҷалб кардани шаҳрвандон дар рафти қабули қарор дар сатҳи маҳалли.*

- *Гузаронидани пурсишҳои сотсиологии афкори шаҳрвандон ҳангоми таҳияи нақшаҳои инкишофи маҳалҳо оиди масъалаҳои ҷудогона.*
- *Инкишофи ҷомеаи граждани дар маҳаллаҳои деҳот бо усули ташкили ташкилотҳои ҷамъияти дар сатҳи обшинаҳо барои пешбурди манфиатҳо ва дастгирии фаъолияти онҳо.*